Хотираҳо

# Кӯҳи тоҷик

## 1. Қиссаи хирману дона

Тирамоҳи соли 1958. Оғози кори банда дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ».

Ва...

Ва тайёрии мардуми шеърдӯсту шоирпарасти тоҷик ва аҳли қаламими Тоҷикистон ба ҷашни 1100-солагии Устод Рӯдакӣ.

Ва...

Ва қаламкашони тоҷик аз хурд то бузург ба ифтихори ин ҷашни муборак ҳама Рӯдакипарасту ҳама Рӯдакисаро!...

Ва бандаи камтарин ҳам...

Ҳамон рӯзҳо чун ҳамешагӣ як силсила чакидаҳои нимхому нимпухтаамро бо унвони «Хирман» ба Иттифоқи нависандагон, ба назди устодам Мирзо Турсунзода бурдам.

—Девбанд,—устоди азизам бандаро бо ҳазл ҳамин тавр ном мебурданд,—ту Мӯъминшоҳро мешиносӣ?—баъди бо диққат хондани навиштаҳоям пурсиданд устод Турсунзода.

—Не, устод...

—Наход?!,—бовариашон наомад ва каме коҳишомезона афзуданд:

—Боз ту даъвои шеъру шоирӣ дорӣ!...

—Бо шеърашон ошноӣ дорам, устод,— худро сафед карданӣ шуда, посух додам.

—Хайр, ин тур бошад, бо ӯ туро шахсан шинос кардан аз тани банда,—табассумкунон гуфтанд устод ва ба як гӯшаи чакидаҳоям навиштанд: «Писарам Мӯъминшоҳ. «Хирман»-и Теша Раҷаброро хондам. Дона дорад. Дар «Шарқи сурх» сабзонданаш ба ӯҳдаи ту.

Бо салом,

Мирзо Турсунзода.

... Ҳо, шиносоии нахустини банда ба мудири шӯъбаи назми маҷаллаи «Шарқи сурх» Мӯъмин Қаноат басо самимӣ, гуворо ва хотирмон буд.

## 2. Як шаби босаодат

Моҳи апрели соли 1977. Баҳори басо пуртаровату назаррабо буд. Ҳамроҳи Мӯъмин Қаноат дар кӯчаи ба номи Орҷоникидзе, дар назди бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар зери чанорҳои сарсабз оҳиста-оҳиста қадам мезадем. Устод Мирзо Турсунзодаро интизорем. Мувофиқи ваъда бояд ба хонаи яке аз хешони ман—Шамсиддин Нуралиев, ба колхози ба номи Жданови ноҳияи Ҳисор ба меҳмонӣ равем.

—Оши сиёҳалаф мешавад, ё не?—мепурсид аз ман Мӯъмин бо хавотир.

—Албатта, мешавад! Охир, банда ҳам каму беш аз хӯрокҳои дар фасли баҳор дӯстдоштаи устод бохабарам,—хотири Мӯъминро осуда карда, андаке бо ифтихор хабар медиҳам.

—Ҳа, ин тавр бошад, бисёр хуб,—изҳори қаноатмандӣ мекунад Мӯъмин.

Интизориамон дер мекашад. Устод бо меҳмони москвагии худ Юрий Суровсев—котиби Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ ва Шавкат Ниёзӣ дар утоқи кориашон саргарми сӯҳбатанд.

Шом фаро мерасад. Ронандаи устод Сайфулло Суровсевро ба меҳмонхонаи «Душанбе» бурда, бармегардад. Боз чанд муддат интизор мешавем.

—Аҷаб не, устод аз меҳмонравиамон фаромӯш кардаанд?—бетоқатӣ мекунам ман.

—Шояд,—оромона ҷавоб медиҳад Мӯъмин ва ҳарду пасопеш ба ҳузури Мирзо Турсунзода медароем.

—Эҳ, қариб фаромӯш кардам,—баробари моро дидан аз ҷо бармехезад устод ва ба Шавкат Ниёзӣ рӯ меоварад:

—Ҳамин ҷавонҳо оши сиёҳалаф ташкил кардаанд... Бо ҳам бинем-чӣ, Шавкатҷон.

—Хуб шудааст, муаллим,—зуд розӣ мешавад Ниёзӣ.

—Рафиқ Суровсевро ҳам ҳамроҳ гирем-чӣ, муаллим,—таклиф мекунад Мӯъмин.

—Бисёр сара мешавад,—аз таклифи бамавқеи шогирдашон хурсад шуда, гӯшаки телефонро мебардоранд устод ва бо як эҳсосоту назокат ба меҳмони москвагӣ мақсадро мефаҳмонад.

—Ҳазорон бор ташаккур, Мирзоҷон! Ман имрӯз беҳад мондаам, аллакай душ қабул кардам,—овози узрхоҳонаи меҳмон шунида мешавад.

—Ин одамон ба қадри саломатиашон мерасанд, мо барин бепарво не,—гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошта истода гуфтанд устод.

Ҳангоме ки мо аз утоқ берун меомадем., устод ба хонаашон сим зада ба ҳамсарашон ба куҷо рафтан ва кай омаданашонро маълум карданд.

Ниҳоят мо ба «Волга»-и хизматии устод нишастем. Он ба сӯи зодгоҳи азизи устод—Ҳисори Шодмон роҳ пеш гирифт. Дар гардиши кӯчаи Путовский устод аз оинаи пеши мошин нохост «Волга»-и Ҷӯрабек Муродовро дида, кӯдаквор хурсанд шуданд: «О, ин Ҷӯрабек-ку, Сайфулло? Сигнал деҳ, нигоҳашон дор!...

Ҷӯрабек мошинашро аз гузаргоҳ андаке дуртар, дар назди чойхонаи «Роҳат» нигоҳ дошта, зуд ба назди мо омад.

—Росташро гӯй, ба куҷо хабарӣ ҳастӣ?—ба тори аз тирезаи нишастгоҳи қафои «Волга» намудорбуда ишора карданд устод баъди воҳӯрии самимона бо Ҷӯрабек.

—Дар хизмати ёру дӯстон будем, устод. Ба хона рафта истодаем,—ҳалимона ҷавоб дод Муродов.

—Ин тавр бошад, бо мо ҳамроҳ шав, хизмати дӯстонро давом бидеҳ,—табассумкунон гуфтанд устод.

—Ба чашм,—даст ба сандуқи сина гузошт Ҷӯрабек.

—Шамсиддин меҳмонони иззатмандро басо хушнудона истиқбол гирифт. Аз рӯи таомули тоҷикӣ дар пеши пои онҳо як гӯсфанди думбакалони ҳисориро сар бурид. Меҳмонхонаи кушоду барҳаво, ҳавлии тоза ва гулзори соҳибхона ба устод ниҳоят маъқул шуд.

—Хешатон чӣ кора,—оҳиста пурсиданд устод аз ман, ки дар паҳлӯяшон будам.

—Деҳқонзода. Бист сол боз сардори бригадаи пахтакорианд, муфассал фаҳмондам ба устод.

**Ҷаҳонро хуррамӣ**
**аз деҳқон аст,**
**Аз ӯ гаҳ зарь,**
**гоҳе бӯстон аст.**

Устод ин ду мисраъ шеърро бо завқ хонданду ба санъати суханварии Носири Хисрав мадҳу сано гуфтанд. Ва дар фароварди суханашон аз баъзе кормандони радиои ҷумҳурӣ гила карданд, ки онҳо мисраъҳои ҷовидонаи шоирро баъзан ғалат мехонанд. Мӯъмину Шавкат гуфтаи устодро бо чандин мисолҳои дигар қувват доданд. Ҳамин тавр ноаён чанд лаҳза дар гирди тозагии забон ва тарзи баёни он сӯҳбат авҷ гирифт. Аммо соҳибхона дар косаҳои чинӣ оши сиёҳалафро оварду мавзӯи сӯҳбат ҳам дигар шуд. Акнун сухан дар бораи гиёҳу рустаниҳои шифобахши тоҷик мерафт.

Устод як коса сиёҳалафро бо иштиҳо хӯрданд. Вале ба гӯштбирён, оши палав, қурутоб, фатирмаска ва дигар хел хӯрокиҳо, ки болои дастархони соҳибхонаро зеб медоданд, даст набурданд. Аз нӯшокиҳо бошад, танҳо чой истеъмол мекарданд. Базми он шабро нақлу ёддоштҳои ширину пандомези устод Мирзо Турсунзода, сурудҳои марғубу дилнишини Ҷӯрабек Муродов (аксари сурудҳои он шаб хондаи Ҷӯрабек ба матни шеърҳои устод буданд), шеърхонии оҳангдори Мӯъмин Қаноат ва шӯхиҳои намакини Юсуф Лақай (дӯсти айёми ҷавонии Мирзо Турсунзода) басо гарму рангин гардонданд.

Соати дувоздаҳи шаб ба Душанбе баргаштем. Ҳамин ки ба мавзеи шаҳрчаи тиббии Қарияи Болои Душанбе, наздик шудем, устод бо овози ҳама шунаво ба Сайфулло супориш доданд:

—Аввал Мӯъминшоҳро ба хонааш бурда мемонем. Ва барои он ки рад накунад, бо табассум илова карданд:

—Бартариаш ҳамин, ки хонааш сари роҳ аст...

Сайфулло гуфтаи устодро ба ҷо овард.

Баъд ману Шавкат Ниёзӣ устод Мирзо Турсунзодаро то таги дарашон гусел кардем.

Он шаби босаодатро, ки ҳамсӯҳбату ҳамнишини устодонам будам, як умр фаромӯш намекунам.

## 3. Ошёни шоир

Тобистони соли 1988 бори нахуст ба Дарвоз сафар кардам.

Мегӯянд, ки барои хуб шинохтани шоир, пеш аз ҳама зодгоҳашро бояд дид. Дар ин ақида воқеан ҳам ҳақиқате ҳаст. Охир, уқоби кӯҳӣ ҳам пеш аз парвози баланд лонаи худро дорад. Дар он ба дунё меояд, обу дон мехӯрад, пару бол мебарорад ва ниҳоят ба парвоз медарояд.

Ба назари ман, тақдири одамизод ҳам мисли ҳамин уқоб аст. Фарқ танҳо дар он аст, ки инсон ҳама чизро—ҳатто парвозро низ бошууруна ва мақсаднок мекунад.

Курговад... Ба назари ман, дар Дарвоз ин деҳаи началдон калон аз ҳама зеботару дилработар тофт. Пеш аз ҳама манзараҳои нотакрораш: деҳа дар бағали кӯҳҳои осмонхарош, дар яке аз гардишҳои беҳисоби Панҷи ноором ва соҳили рӯдчаи шӯхи кӯҳӣ воқеъ гардида, ба назари бинанда нимҷазираи сабзу хуррамеро ҷилвагар месозад. Сониян, Курговад ин зодгоҳи шоири маъруфи тоҷик Мӯъмин Қаноат аст, ки бо он имрӯз на танҳо помириён, балки тамоми тоҷикон фахр мекунанд.

Ошёни шоир дар саргаҳи ҳамин деҳа, дар домани кӯҳи осмонбӯси Зартеғ воқеъ гардидааст.

Ҳангоме ки Курговад маро ба оғӯши гарми худ гирифт, беихтиёр сатрҳои оташбори шоир аз «Китобҳои захмин»-аш ба ёд расид:

**Садои зангу овози**
**хурӯсон ҷӯр мегардид,**
**Ба гӯши ман садои**
**ғижжаку тамбӯр**
**мегардид,**
**Ба рӯи Панҷи яхбаста**
**кунун яхсел меҷунбид,**
**Ба дарёбод сели ях**
**намеғунҷиду меҷунбид.**
**Ба рӯи бомҳо аз пушти**
**рӯзӣ селаи кафтар,**
**Ба зери бомҳо дар**
**ҷустуҷӯи хомаю даф-**
**тар.**
**Ба ғамҳо хӯ гирифта**
**беғаму бебок**
**мерафтем.**
**Зи дуди хонаҳо сӯи**
**ҷаҳони пок мерафтем.**
**Ба мактаб ин пагоҳӣ**
**хушхабар омад,**
**навид омад,**
**Ба тифлон рӯзи**
**ид омад,**

— Кӯ, биё додари ҷун, хуш омадӣ—баробари ба ҳавлии падарии Мӯъмин қадам гузоштан моро марди қоматбаланди сабзинарӯе гарм истиқбол кард.

—Падари ман, бародари Мӯъминшоҳ...,—марди сабзинаро бо мо шинос кард Сироншо.

Амаки Диловар моро ба чапкандии барҳавою зебои болои дарвозахона, ки аз тагаш як ҷӯйбор оби зулолу софи чашмаҳои деҳа мегузашт, таклиф намуда, бори дигар хушбошӣ кард.

Дар сари дастархони пурнозу неъмат бо аҳли амаки Диловар ва ҳамдиёрони шоири ширинкаломи тоҷик Мӯъмин Қаноат сӯҳбати хосае барпо гардид. Ин, албатта, сабаб дошт: гарчанде ки ман бо Мӯъмин зиёда аз 30 сол ошноӣ дорам ва нону намакхӯрем, вале ба зодгоҳи ӯ, ба хонаи падараш бори аввал қадам гузошта будам.

Ва табиист, ки аз аҳли сӯҳбат ҳар кӣ дар бораи айёми кӯдакӣ ва наврасии шоир хотирае, мушоҳида ва ёддоште ҳикоя мекард, ман бо таваҷҷӯҳи зиёде мешунидам ва ба лавҳи хотир мегирифтам.

(Давомаш дар саҳ.4).

# Дарёдил



— **Бубахшед, дардҳои кӯҳнаи шуморо нав карданӣ набудам. Ман дар бораи устози нахустинатон пурсиданӣ будам.**

— Ҳа, дарвоқеъ. Бародарам Раҳмон Валиев дар мактаб муаллими забон ва адабиёти тоҷик буданд. Он кас доимо мегуфтанд: Касе ки даҳ ҳазор мисраъ шеър аз ёд мекунад, аз ӯҳдаи шеърнависӣ мебарояд. Нахустин шеърҳоямро бародарам мутолиа намуда бурду бохтамро мегуфтанд. Шеъри «Зинда бод, Дарбанд» ҳам ҳамон солҳо иншо гардида буд:

**Зинда бод, поянда бод,**
**қишлоқи Дарбанд зинда бод,**
**Боғу бӯстон, кӯҳу дарё**
**халқи Дарбанд зинда бод.**
**Ҳофизонат булбуланду**
**шоиронат хушсухан,**
**Ҳам суруди ҳофизону**
**шоиронат зинда бод.**

Баъд ба шоири тоҷик Аминҷон Шукӯҳӣ тақлид мекардам.

— **Бо фаъолияти меҳнатиатон имсол чилу се сол пур мешавад. Дар ин вақт оё ба ягон ноҳақӣ дучор гардидаед ва агар дучор гашта, бошад, онро чӣ тавр бартараф намудед?**

— Се маротиба мавзӯъҳои рисолаи номзодиам бекор карда шуд. Бо сабабҳои мухталиф заҳматҳоямон барабас мерафтанд. Ниҳоят бори чаҳорум ба кор шурӯъ кардам. Таҳти сарпарастии ректори Донишгоҳи Давлатии Тирмиз, профессор Н. Тӯраев ва роҳбари илмиам, олими забардаст профессор П. Ким рисолаи номзадиро бомуваффақият ҳимоя намудам.

Ноомадиҳои кор иродаи маро шикаста натавонист. Меҳнатдӯстӣ, сабру тоқат кор дод.

Юсуф Валиқулов муаллифи якчанд мақолаву очеркҳои илмӣ низ мебошад.

«Ниёгони бузурги мо», «Шароф Рашидов ҳомии дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек, «Академики сурхондарёгӣ», «Фарзанди содиқи халқи ӯзбек», «Гуманисти бузурги Шарқ», «Асосгузори ду адабиёт» ва китоби «Қалб садоси» аз амсоли онҳост.

Юсуф Ваиизодаи Дарбандӣ ба сифати тарҷумони моҳир низ фаъолият нишон медиҳад. Ғазалҳои бо тахаллуси Фонӣ иншогардидаи Алишери Навоӣ, ғазалҳои Камоли Хӯҷандӣ, Ҳилолӣ, Ҷалолиддин Румӣ, Ҳозиқ ва дигаронро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Шеърҳои Лутфӣ, Саккокӣ, Ҳабибӣ, Чустӣ, Абдулло Орипов, Эркин Воҳидов, Ҷуманиёз Ҷабборов, Тӯлқин Марям Турдиева, Моҳидил Каримова ва дигаронро ба тоҷикӣ тарҷума намудааст ва онҳо дар матбуоти Ӯзбекистону Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Юсуф Валиқулов бар ғазалҳои Навоӣ, Муқимӣ, Увайсӣ, Нодира ва Саҳбо мухаммас бастааст ва ғазалҳои дилкашашро машшоқон месароянд. Ғазалҳояш дар Афғонистон ҳам чоп гардидааст. Шеърҳои бо тариқи «ширу шакар» иншогардидаи ӯ бешубҳа барои дӯстии абадии халқҳои ӯзбеку тоҷик хизмати шоён мекунад:

Юсуф Вализодаи Дарбандӣ алҳол дар ҷустуҷӯст. Дар мавзӯи «Барқарории маънавии миллӣ ва рушди шуури иҷтимоӣ» кори илмӣ пеш мебарад. Шеъру ғазалҳои нав ба нав меофарад. Ба ӯ комёбиҳо мехоҳем.

Ӯро ҳамагон мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Вай гули сари сабади маҳфилҳо ва тӯю тамошои мардум, тарҷумон, шоири зуллисонайн, олим ва файласуф... Ӯ Юсуф Валлизода Дарбандист.

**Нохун зада ба торҳои қалбам**
**Садои мавҷҳову навои гирдобат**
**Аҷаб фикрҳои тоза овардӣ ба ёдам**
**Аё дарёи Дарбанд, дарёи илҳом**

Ҳа, шоири мардумии Ӯзбекистон Абдулло Орифов хеле хуб фармуда. Аз ин дарё басо олимону фозилони шинохта об хӯрда, ба воя расидаанд. Мудури кафедраи назария ва амалияи сохтмони ҷомеаи демократӣ дар Ӯзбекистони Донишкадаи Давлатии Тирмиз Юсуф Валиқулов ҳам маҳз аз ҳамин дарё илҳом гирифта.

Муаллим зимни сӯҳбат саҳфаҳои дафтари аъмоли худро варақ зада, аз умри босамараш шукри беҳад мекунад. Баъди бо баҳоҳои аъло хатм намудани мактаби рақами 9 - уми ноҳияи Бойсун, қабул гардидан ба факултаи торихи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон, кушуда шудани олами торих ба рӯяш, кор дар Фарҳангистони улуми Тоҷикистон, омӯхтани Авесто, ҳаракати ҷадидизм, ташкили тадбирҳои мухталиф, кор (ба ҳайси тарҷумон) дар Афғонистон дафтари сарнавишти ӯро оро медиҳанд.

—**Муаллим, чуноне ки медонем, ҳаёти шумо барои ҷавонон мактаби ибрат аст. Барои дар зиндагӣ роҳи ростро интихоб намудани шумо саҳми кӣ бештар аст?**

—Албатта зиндагӣ. Баъд модарам. Модарам вақти хоб рафтанамон ҳикояву афсонаҳои тарбиявӣ мегуфтанду ягон кори ношояме кунем, танбеҳ медоданд. Фақат дар орзуи олим шудани ман буданд.

Дар ёд дорам. Модарам бо чашми гирён «Писарам, додаронатро ба ту, туро ба худо месупорам», гуфта дар дастам ҷон доданд. Шукр, пайвандонам ҳар яке одамони хуб шуда ба камол расиданд. Ҳар гоҳе ки тӯй ё ягон тадбири оилавӣ гузаронем, ҳамин лаҳзаи зиндагӣ ба ёдам меояд ва ёди модари пурармони ин дунёро падруд гуфтаам диламро реш - реш мекунад.

**Улдон ҚАРАЕВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё**

Пурсишу посух

# «Қитъаи сабз» магар Австралия аст?

***Бисёр вақт дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои телевизион ва гуфторҳои радио ба мафҳуми «қитъаи сабз» рӯ ба рӯ мегардем. Редаксияи мӯҳтарам дар бобати чаро ин тавр номбар гардидани ин мафҳуми мазкур маълумот медодӣ.***

***Бо камоли эҳтиром, Абдулло Масруров, аз ноҳияи Риштони вилояти Фарғона.***

**Аз идора:** «Қитъаи сабз» дар ҷуғрофия ҳамчун қитъаи алоҳида номбар нагардидааст ва дар зери ин мафҳум номи давлати Автсралия маҳфуз аст. Австралия ягона давлате мебошад, ки дар ин «қитъаи сабз» ҷойгир шудааст. Ва мамлакати мазкур бори аввал аз тарафи сайёҳи машҳур Ҷеймс Кук кашф гардидаасту аз харитаи ҷаҳон ҷо пайдо кардааст. Мамлакати мазкур манзараҳои аҷибро дар худ таҷассум гардондааст ва соҳиби табиати нотакрор мебошад. Дар ин ҷо намудҳои мухталифи олами ҳайвоноту наботот маскан пайдо кардаанд. Махсусан Кенгуру ва тӯтӣ бештар ба назар мерасад. Аз Нишони давлатии давлати мазкур кенгуру ва дарахти эма беҳуда ҷо пайдо накардааст. Азбаски ин мамлакат мудом сарсабз аст, барои ҳамин ӯро «қитъаи сабз» гӯён ном мебаранд.

Дар бобати кашфу азхудкунии сарватҳои ин кишвар бештар ҳӯлландиён саҳми калон гузоштаанд. Аз ин рӯ онро дар авали садаи Х1Х ҳамчун Ҳӯлланди нав ҳам номбар кардаанд. Соли 1770 сайёҳ Ҷеймс Кук онро кашф намудааст. Сарзамини аз тарафи вай кашфгардида ба мулки Англия мубаддал мегардад ва ба он Уэлси нави ҷанубӣ ном медиҳанд. Ҳамон вақт аҳолии ин кишвар ҳамагӣ 300 ҳазор нафарро ташкил медод. Баъди он ки Англия аз баҳри 13 ҳудуди мустамликадории худ дар Амрико баромад, барои ба ҳудуди мустамликадории худ даровардани Австралия пайваста кӯшид. Сараввал ба ин кишвар шахсоне фиристода шуданд, ки суд ба ҳукми бадарға муносиб дониста буд. То охири садаи ХY111 ба ин ҷо бештар муҳоҷирон рӯ оварданд. Азбаски сафи муҳоҷирони инглис пайваста афзуд, соли 1824 кишвари мазкур ба худ номи Уэлси нави Ҷанубро гирифт. Соли 1827 ҳукумати Англия расман эълон намуд, ки бар сокинони қитъаи мазкур ҳукмрониро ба роҳ мондааст.

Номи расмии давлати мазкур алҳол Иттифоқи Австралия аст. Ба таркиби он Тасмания, Флиндеро, Кинг, Кенгуру, Карте, Эшмор, Кокс ва дигар ҷазираҳо шомиланд. Алҳол ҳам дар тасарруфи Британиёи Кабир аст. Соли 1901 Иттифоқи Австралия эълон гардидааст. Ҳарчанд давлати мазкур ба таркиби Ҳамҷамъияти Миллатҳои Маликаи Британиёи Кабир шомил бошад ҳам, соҳиби ҳуқуқи худидоракунӣ мебошад. Майдони «қитъаи сабз» 7,7 миллион метри мураббаъ буда, аҳолиаш қариб 20 миллион нафар аст. 95 фоизи онҳоро аврупоиён ташкил медиҳанд. Аҳолии таҳҷоӣ ҳамагӣ 1,5 фоиз буда, онҳоро абориген ном мебаранд. Забони давлатиаш инглисӣ буда, дар он ҷо намояндагони халқҳое зиндагонӣ мекунанд, ки ба динҳои мухталиф мансубанд.

Пойтахти мамлакат шаҳри Канберра мебошад. Шаҳрҳои дигари калонаш Сидней, Мелбурн, Брисбен, Перт буда, аз 3,6 миллион то 1,3 миллион нафар аҳолӣ доранд. Австралия аз 6 иёлот, 2 ҳудуди маъмурӣ иборат аст. Сохтори давлатиаш демократии федеративӣ, сарвари давлат Маликаи Британиё аст. Мамлакатро вакили Малика генерал-губернатор идора мекунад. Аз соли 1996 боз дар ин вазифа Уилям Дин мебошад. Роҳбари ҳукумат Нахуствазир буда, алҳол дар ин вазифа Д.Говард фаъолият пеш мебарад. Ҳокимияти қонунбарории мамлакат, ки Парлумони Федеролӣ номида мешавад, аз ду палата—Сенат ва Палатаи вакилони халқ иборат буда, воҳиди пулиаш доллари Австралия аст.

Ҳавояш гарму серборишаст. Дар тобистон боронгариҳо кам мешаванд. Дар зимистон аз меъёр бисёр меборад. Аз ҳамин сабаб сайёҳон моҳҳои май-август ба ин кишвар сайр карданро хуш мебинанд. Иқлими ҳудудаш гуногун аст.

# Перомуни мафҳумҳои оила, маҳалла ва ёру диёр

## Шиноснома:



***Убайдулло Бозоров зодаи деҳаи Невичи ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд аст. Номзади илми фалсафа. Тамоми умрашро ба илм бахшидааст. Мухбири фаъоли ҷамоатии «Овози тоҷик». Силсилаи мақолаҳояш дар мавзӯъҳои мухталиф дар саҳифаҳои рӯзнома рӯи чопро дидаанд. Алҳол дар хусуси муаммоҳои оила, маҳалла тадқиқот пеш мебарад. Рисолаи доктории ашро ба мавзӯи шуури ҷамъиятӣ ва масъалаҳои маънавиёт бахшидааст.***

***Имрӯзҳо Убайдуллоака ҷашн дорад. Ҷашни зодрӯз. Ӯро аз самими қалб бо баҳори ҳафтоду шашумаш муборакбод намуда, комёбиҳои калони эҷодиро таманно дорем. Аз «нӯги хамир фатир» гуфтагӣ барин мақолаи навбатии ӯро ба ҳукми шумо, муштариёни азиз, пешкаш мекунем.***

Бо тақозои давру замон ин ё он соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ дар маркази диққат қарор гирифтааст. Соли 2002 соли эъзози солхӯрдагон бошад, соли 2003 «Соли маҳаллаи обод» эълон карда шуд. Мафҳумҳои маҳалла, оила ва Ватан якдигарро пурра намуда, дар рушди ҳаёти ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозанд.

Оила як рукни асосии ҷамъият ва давлат, гурӯҳи кӯчакест, ки тавассути никоҳ ё худ қаробати ину он таркиб ёфтааст. Аъзоёни ин гурӯҳ бо умумияти зист, кӯмаки байниҳамдигарӣ ва масъулияти аҳлоқ бо ҳам муттаҳид гаштаанд. Ҳар як оила вазифаҳои ба худ хоси иҷтимоӣ, хоҷагӣ ва тарбиявӣ дорад. Оила дар меҳнати фоиданоки иҷтимоӣ иштирок намуда, рӯзгори худро пеш мебарад ва дар рушди ҳаёти ҷамъиятӣ ҳисса мегузорад, дар акси ҳол, барбод рафтани он аз эҳтимол дур нест.

Тарбия муҳимтарин вазифаи оила аст, зеро оила асосҳои мустаҳками чандинасраи маънавиро молик мебошад. Ҳурмати калонсолон, эътибор ба волидон, меҳнатдӯстӣ, меҳру оқибат, покӣ ва ҳалолӣ барин фазилатҳо, ки ғановати маънавиямон бо ин мафҳумҳо асос ёфтааст, қабл аз ҳама дар муҳити оила ташаккул меёбад. Ин ҷараёни тарбиявӣ бо панди ниёгон, ибрати падарон ва тавассути меҳри модарон тадбиқ мегардад.

Ҳар як оила фарзанд диданро орзу менамояд. Фарзанд меваи умр ва такягоҳи оила аст. Фарзанд мӯъҷизаест, ки меҳру муҳаббати зану шавҳарро ба якдигар афзун мегардонад. Лекин дар зиндагӣ модароне ёфт мешаванд, ки аз баҳри фарзанд баромадаанд, падароне ҳастанд, ки бо фориғболӣ умри худро дар чойхонаҳо мегузаронанд. Набояд фаромӯш кард, ки волидон то ба воя расонидани фарзандони худ ба тарбияи онҳо ҷавобгаранд. Парвози фарзандон баланд бояд бошад. Ин парвоз аз оила сар мешавад, зеро муҳити солими оила муҳимтарин манбаи тарбияи авлоди баркамол аст.

Тифоқии оила, мустаҳкамии он пуштбони мӯътамадест дар тадбиқи амалии мақсадҳои маҳалла ва ёру диёр.

Набояд фаромӯш кард, ки ба савияи иҷтимоию маърифии оила бисёр чизҳо вобаста аст. Вақтҳои охир бойбачагоне, ки бо роҳҳои гуногун соҳиби молу пули зиёд гашта, бо худнамоӣ тӯйҳои ҳашамнок мегузаронанд, зиёд шудаанд. Маросими дафнро низ ба тӯй монанд карда, ба харҷи барзиёд роҳ медиҳанд. Дар хонаводаҳои мотамдор хонондани мавлуд, ба онҳое, ки ба дафн омадаанд, додани пулу рӯймол, гузаронидани маросими ифтор дар моҳи Рамазон зарурат дорад? Мӯйсафедони рӯзгордида, фаъолони маҳал оё намешавад, ки фармони болоро мунтазир нашуда, баҳри пешгирии исрофгариҳои беҳуда ҳаракат намоянд?

Мафҳуми оила бо мафҳуми маҳалла узван вобаста аст. Маҳалла калимаи арабӣ буда, маънои он аҳолии яклухти як ё якчанд кӯча аст. Соли 2003 бо ташаббуси сарвари мамлакат соли маҳаллаи обод эълон гардид. Дар зери мафҳуми «обод» нафақат зебо ё хушнамудӣ, балки аҳлӣ, бо ҳам тифоқйи мардум, меҳру оқибати онҳо дар назар дошта мешавад.

Маҳалла шакли миллии худидорист. Маҳалла дар тарбияи одамон, дар мустаҳкам намудани тартибу интизом нақши муҳиме мебозад. Чӣ тавре ки Президентамон таъкид намудааст, дар ҳалли ҳар гуна масъала маҳалла қодир аст, зеро муҳити аз ҳама адолатнок, шароити иҷтимоии одилона маҳз дар маҳалла воқеъ гардиданаш мумкин аст. Маҳалла дорои афкори ҷомеавиест, ки таъсири пурзӯр дорад. Маҳаллаҳо аз соҳаҳои сирноки қаробат, хешу таборӣ, кудову андагӣ ва ҳамсоядории нек ба хубӣ воқифанд. Ҳаминро ба эътибор гирифта, Президенти кишвар зарурияти рушди асосҳои қонунию ҳуқуқии маҳаллаҳоро ҳамчун қисми ҷудонопазири ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва маънавӣ таъкид карда гузаштааст.

Бо тақозои вазифа дар маҳалҳои гуногун мешавам. Эътибор ба маҳалҳо ба муносибати эълон гардидани Соли маҳаллаи обод эҳсосшаванда аст. Дар маҳаллаҳо ба фаъолият пардохтани тарбиячӣ омӯзгор-мураббиён айни муддао гардид.

Асарҳои Ислом Каримовро, ки роҳҳои тараққиёти ҷамъиятамонро аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ асоснок гардондаанд, таҳлил намудан низ аҳамияти бештар касб намудааст.

Алҳол дар як қатор маҳаллаҳои ноҳияи Тошканд корҳои тарғиботу ташвиқот бо иштироки намояндагони ҳокимияти ноҳия ва фаъолони маҳаллҳо, ходимони милитсия бо савияи баланд гузаронида мешавад. Як мисол меоварам. Маҳаллаи ба номи Алишери Навоии қишлоқи Қизғалдоқ нафақат дар ноҳия, балки дар ҷумҳурият аз маҳалҳои намунавӣ ба ҳисоб меравад. Дар озмун-азназаргузаронии Бунёди «маҳалла»-и ҷумҳурӣ ва рӯзномаи «Халқ сӯзи» маҳаллаамон яке аз ҷойҳои фахриро ишғол намуд. Раиси маҳалла Эркин Ғуломов ба гирифтани унвони мураббии шоистаи Ӯзбекистон сазовор гардид. Дар маҳалла ба тарбияи маънавию маърифӣ, ба гузаронидани тӯй ва маросимҳо, масъалаи варзиши ҷавонон эътибори калон дода мешавад. Соли гузашта бо ходимони эҷодии маҷаллаи «Имом Бухорий сабоқлари» мулоқоти аҷиб баргузор карда шуд. Муовини сармуҳаррири маҷалла Анвар Ҳоҷӣ Аҳмадов таҳти мавзӯи «Одоби маҳалла» баромад намуд. Пиронсолон ба раиси маҳалла изҳори сипос намуданд. Дар воҳӯрӣ калону хурд иштирок намуда, як олам таассурот бардоштанд. Маҳаллаҳои «Шамсиобод»-и қишлоқи Куксарой, ба номи Нишонови қишлоқи Чувалачи низ намунаи ибратанд. Ба наздикӣ дар тӯи яке аз хешовандон иштирок намудам. Тӯй сермазмун, ихчам, бе нӯшокии спиртӣ гузашт. Бовар кардан душвор, вале ин ҳақиқат аст.

Тӯйҳое, ки бо иштироки аъзоёни комиссияҳо сурат мегиранд, табъи дил, камхарҷ ва хотирмон мегузаранд. Маҳаллаҳо низ охир, вазифаҳои дар наздашон бударо аз сидқи дил иҷро намоянд!

ххх

Ободии маҳаллаҳо, осудагӣ, тарзи солими зиндагӣ ба осудагии халқ ва фаровонии он вобастагӣ дорад. Мардум—одамони як маҳал, диёр—ҷои зиндагонии халқ аст. Нақле ҳаст: «Аз шоҳи дигар ҷо будан гадои диёри худ будан афзал». Ватан—ҷоест, ки дар он хуни ноф рехтааст, заминест, ки моро одам карда ва ба воя расондааст. Ватан—хокҷои ниёгон, ҷоест, ки соаташ расад, дар он ба хоби абад меравем.

Оне, ки анъанаи миллӣ ва фарҳанги он ва ватанпарвариро инкор менамояд, беватан аст ва ватандор ҳам буда наметавонад. Оне, ки соҳибватан аст, шахси хушбахтест. Ватан—такягоҳи инсон. Ҳифзи Ватан аз душманони дохилию берунӣ қарзи фарзандии ҳар яки мост. Инсони ҳақиқӣ ёру диёр гуфта зиндагӣ мекунад. Озодии ватани ҷоноҷонамон ва ободии он бароямон бахти бузург аст. Ватан чун саҷдагоҳ муқаддас мебошад.

Ба шарафи 10-солагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Президентамон авф эълон намуд. Ҳазорҳо маҳкумшудагон ба назди оила, ба маҳаллаҳои худ баргаштанд. Ин сабукиест, ки рӯҳияи башардӯстиро саршор аст. Ин авф, албатта, дар назди маҳалла ва аҳли ҷомеа масъулияти муайяни дигарреро вогузошт. Нисбати онҳое, ки тасодуфан гумроҳ шуда ва ба роҳи хато рафтаанд, ғамхорӣ карда шуд. Нисбати онҳо оила, маҳалла ва ёру диёр ба маънии том падарӣ ва модарӣ намуданд.

ххх

Ман дар ин мақолаи худ доири мафҳумҳои оила, маҳалла ва ёру диёр суханронӣ кардам. Мазмуни асосии корҳои маънавию маърифатиамонро бояд рушду ривоҷи шуурнокии омма ташкил диҳад. Оила ва маҳалларо бояд мазмуни ғояи истиқлоли миллӣ дастрас бошад. Назария, тарғибот ва амалиёт ба ҳам узван пайваст бошанд. Бахти оилавӣ қабл аз ҳама ба ободии маҳал, осудагии ёру диёр вобастагӣ дорад. Бо ибораи сарвари мамлакат, вазифаи аввалдараҷа аз баланд бардоштани савияи сиёсию иҷтимоии халқ ва таъмини фаъолнокии он иборат аст. Баҳри иҷрои ин вазифаи бузург ва ҳамеша муҳиму умда тамоми қувва ва воситаҳо бояд сафарбар карда шаванд.

**Убайдулло БОЗОРОВ,**
**номзади илми**
**фалсафа.**

